Замимаи 4
Бо фармоиши Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «21» июн соли 2022, №76 тасдиқ шудааст

Дастурамали
мансабии мутахассиси шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1.Муқаррароти умумӣ

1.Номи мансаб – мутахассиси шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи ҳафтум мансуб аст.

3. Мутахассиси шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мутахассиси пешбари шуъба) аз тарафи директори Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд директори Агентӣ) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешавад.

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд сардори шуъба) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари шуъба уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси шуъба ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси шуъба уҳдадориҳои мансабиаш ба мутахассиси пешбари шуъба вогузор карда мешавад.

6. Мутахассиси шуъба бо кормандони дахлдори воҳидҳои сохтории Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Агентӣ) ва ташкилоту муассисаҳои системаи он, ҳамкорӣ менамояд.

## 2.Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби мутахассиси шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии касбӣ;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мутахассиси пешбари шуъбаро ба танзим медароранд;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

## 3. Уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъба

8. Нақшаи кории худро таҳия ва барои тасдиқ ба сардори шуъба пешниҳод, ба нақшаҳои кори шуъба ва нақшаҳои кори Агентӣ ба сардори шуъба таклиф пешниҳод менамояд.

Масъули коргузории шуъба буда,

-ҳуҷҷатҳои воридотиро сари вақт ба қайд гирифта, ба сардори шуъба пешниҳод менамояд ва баъди гирифтани дастури хаттии сардори шуъба ба иҷрокунандагон расонидани маводи воридотиро таъмин менамояд;

-ҳуҷҷатҳои содиротии Агентиро сари вақт ба қайд гирифта, ирсол намудани онҳоро ба мақомоти давлатии ҳудуди дахлдор таъмин менамояд.

9.Оид ба гардиши ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва натиҷаи баррасии онҳо ба сардори шуъба ҳисоботи ҳарҳафтаина ва моҳона пешниҳод менамояд.

10.Масъули пешбурди парвандаҳои шуъба буда, нигоҳдории ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротии шуъбаро дар парвандаҳои дахлдор тибқи феҳрист таъмин менамояд ва барои дар шакли китоб дӯхтани маводи дар парвандаҳо ҷамъшуда ба сардори шуъба таклиф пешниҳод менамояд, нигоҳдорӣ ва ба бойгонӣ супоридани онҳоро таъмин карда, ҳуҷҷатҳоро барои аз эътибор соқитсозӣ омода менамояд.

11. Маводҳои дахлдори ҳуқуқвайронкунии маъмуриро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода, ба директори Агентии хоҷагии ҷангал пешниҳод менамояд.

12.Иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсияро риоя намуда, дар ҳолати ошкор гардидани амалҳои коррупсионӣ ба сардори шуъба ва/ё директори Агентии хоҷагии ҷангал тариқи хаттӣ гузориш пешниҳод менамояд.

13. Пешбурди назорати иҷрои маводҳои воридотии мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ҳар рӯз оид ба ҳаракати маводҳо дар дафтарҳои бақайдгирӣ қайдҳо мегузорад.

14.Дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Агентии хоҷагии ҷангал (дар мувофиқа ва бо тартиби муқарраргардида) иштирок менамояд.

15.Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ тибқи мӯҳлатҳои муқаррагардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

16.Протоколи ҷаласаҳои машваратӣ, ҷамъбастӣ ва дигар чорабиниҳои фаъолияти шуъбаро тартиб медиҳад.

17.Табели қайди рӯзҳои кории кормандони шуъбаро пеш мебарад.

18. Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа, солона, аз ҷумла дар мухлати на камтар аз се рӯз то гузаронидани баҳодиҳии фаъолият дар

бораи нишондиҳандаҳои иҷрои уҳдадориҳои мансабие, ки дар давраи ҳисоботӣ муайян гардида буданд, ҳисобот таҳия ва пешниҳод менамояд.

19. Рӯйхати навбатдории кормандони дастгоҳи марказии Агентиро дар рӯзҳои корӣ ва истироҳатӣ омода намуда, ба сардори шуъба пешниҳод ва назорати онро пеш мебарад.

20. Муқоваи парвандаҳои ташкилшавандаро тибқи феҳрист тартиб (ҷузъбандӣ, рақамгузории варақаҳо навиштаҷоти тасдиқкунанда) медиҳад, пеш мебарад, муросилотро бо тартиби муқарраргардида омода намуда, нигоҳдорӣ ва ба бойгонӣ супоридани онҳоро таъмин менамояд.

21. Рӯйхати парвандаҳои муҳлати нигоҳдориаш доимиро тартиб медиҳад.

22. Ҳуҷҷатҳоро барои нобудкунӣ омода менамояд.

23.Дар давраи муваққатан набудани мутахассиси пешбари шуъба иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯро таъмин менамояд.

24.Дигар супоришҳои сардори шуъба, сармутахассис ва/ё мутахассиси пешбари шуъбаро иҷро мекунад.

## 4. Ҳуқуқҳои мутахассиси шуъба

25. Мутахассиси шуъба ҳуқуқҳои зерин дорад:

-дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти шуъба дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;

-самтҳои фаъолияти шуъбаро таҳлил ва ҷиҳати такмили онҳо пешниҳод манзур намояд;

-оид ба такмили технологияҳои кадрӣ (тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ, аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ва ташкили захираи кадрҳо) таклиф пешниҳод намояд;

-маводҳои дар ихтиёри шуъба ва Агентии хоҷагии ҷангал қарордоштаро омӯзад;

-аз махзани маълумоти дар ихтиёри мақомоти давлатӣ қарордошта тибқи тартиби муқарраргардида истифода намояд;

-иҷрои масъалаҳои таҳти назорати шуъба қарордоштаро бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдор ва/ё шахсони мансабдор талаб намояд;

-аз мақомоти давлатии дахлдор маълумот ва маводи барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ зарурӣро бо тартиби муқарраргардида дархост карда гирад;

-аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шавад.

26. Мутахассиси пешбари шуъба дар ҳуҷҷатҳо, санадҳо ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки барои баррасӣ ба сардори шуъба ва роҳбарияти Агентии хоҷагии ҷангал пешниҳод карда мешаванд, ҳуқуқи имзо карданро дорад.

27.Мутахассиси шуъба дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5. Масъулияти мутахассиси шуъба

28. Мутахассиси пешбари шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани масъалаҳои уҳдадориҳои мансабии мазкур, ки дар дастурамали мансабӣ пешбинӣ шудаанд;

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

-барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»;

-барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;

-барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

-барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда;

-дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

28.Мутахассиси шуъба барои иҷро накардан ва/ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда ва дигар ҳолатҳои дар дастурамали мансабии мазкур нишондодашуда тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

29. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ бо гирифтани имзо баъди бақайдгирӣ дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ ба мутахассиси шуъба супорида мешавад.

30.Ҳангоми тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти солона, ҳангоми азнавташкилдиҳии шуъба ва/ё Агентии хоҷагии ҷангал ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси шуъба мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.